Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Рушди муносибатҳои бозорӣ сабабгори тезутунд шудани зиддияти иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву ахлоқӣ гардид. Ҷойгоҳи омили инсониро чунин омилҳо: соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон, рушди бемайлони он, инсонпарварона ва демократӣ гардидани таҳсилот, гуногуниву мураккабии равандҳои нав муҳим мегардонанд. Ин омилҳо на танҳо таъсироти мусбат доранд, балки низоъҳои дохилии шахсиятро таҳрик бахшида, боиси муаммоҳо дар ҷомеа мегарданд, арзишҳои анъанавиро вайрон мекунанд.

Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар кори таҳқиқотии хеш таваҷҷуҳро ба яке аз самтҳои афзалиятноки кори таълиму тарбияи хонандагон дар шароити кунунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон равона сохтааст. Кори диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевнаро таҷрибаи илмии педагогикаи муосир, таҳлили манбаъҳои психологӣ-педагогӣ, сарчашмаҳои илмӣ, фалсафӣ, ҷомеашиносӣ, баррасии ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномавӣ, истифода аз методҳои дар амал санҷидашудаи таҳқиқоти илмӣ, методҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, корбурди усулҳои мушоҳида, пурсиш, суҳбат, озмоиш, дараҷабандӣ татбиқу маънидоди оморӣ, графикии маълумот ҳангоми коркарди далелҳои санҷишиву озмоишӣ ва ҳамчунин омӯзиши натиҷаи фаъолияти омӯзгорон ва таҷрибаи амалияи омӯзишу парвариш дар низоми таҳсилот фаро гирифтааст.

Таъкид бо маврид аст, ки дар кори диссертатсионии Шарифова Санавбар Саъдулоевна вазъи ҳозира ва тамоюлҳои арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих аз мавқеи саҳеҳ ва дақиқ кардани мафҳуми тарбия дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Дар замони таъсири ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва тараққиёти илму техникаи муосир, ки сарҳадҳои муошырати халқу миллатҳоро барҳам медиҳанд, эҳтиёҷ ба ҳувияти миллӣ ва тарбияи хештаншиносӣ шарт ва зарур аст. Барои илми педагогикаи тоҷик

тадқиқоте, ки доир ба нақши ҳувияти миллӣ ва тарбияи худшиносӣ зимни таълими фанни таърих ба анҷом расонидан, аҳамияти бузурге доранд. Анҷоми таҳқиқ ва омӯзиши пурраи илмӣ оид ба нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих дар илми педагогикаи тоҷик аҳамияти зерини назариявӣ ва илмӣ хоҳад дошт: барои корҳои минбаъдаи илмӣ кӯмак хоҳад расонд; барои ҷорӣ намудани тарбияи хештаншиносӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих мусоидат менамояд; барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон ёрӣ мерасонад; ҳамчун дастури таълимӣ дар соҳаи илми педагогика хизмат хоҳад кард; маводи таҳияшуда метавонад дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо истифода шавад; онро ҳамчун роҳнамо ва дастур дар соҳаи илми педагогика истифода бурдан мумкин аст; анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии арзишҳои миллӣ ва ташаккули худшиносии толибилмон дар раванди таълими фанни таърих саҳифаҳои нав боз кунад.

Навгонии илмии таҳқиқотро нуктаҳои зерин ташкил медиҳанд: Ин таҳқиқот таҳлили илмии мукаммалест, ки ба омӯзиш ва баррасии мавзуи нақши арзишҳои миллӣ ва хусусиятҳои табиии тарбияи худшиносии хонандагон дар раванди таълими фанни таърих бахшида шудааст. - дар раванди таҳқиқот кӯшиш карда шудааст, ки масъалаҳои асосии тарбияи хештаншиносӣ ва нақши ҳувияти миллӣ дар раванди таълими замони муосир, ки аҳамияти ҷиддӣ дорад, ба таври амиқ муайян ва таҳлил карда шаванд. Дар ин равиш, диққат ба рушди ҳисси масъулият ва эҳсоси ватанпарастӣ дар байни хонандагон, киояндаи ҷомеаро ташаккул медиҳанд, равона гардида аст.

Дар боби якум «Ҷанбаҳои назариявии ташаккули хештаншиносии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» масоили зайл аз қабили: асосҳои педагогию психологии ташаккули ҳисси хештаншиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инъикоси ҳаёти иҷтимоӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ва хориҷии муосир ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълим ва тарбияи ҳаёти иҷтимоӣ баррасӣ гардидааст.

Дар боби дуюм «Мазмуну мундариҷа ва роҳу усулҳои ташаккули хештаншиносии хонандагон дар таълими таърихи умумӣ» оид ба масъалаҳои сохтори барнома ва китобҳои дарсии таърихи умумӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, татбиқи амалии ташаккули ҳисси хештаншиносӣ дар таълими таърихи умумӣ ва ҷамъбасти корҳои

озмоишию таҳқиқотӣ оид ба шартҳои муттасилии таълим ҷиҳати тарбияи худшиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих баррасӣ карда шудааст.

Автореферати диссертатсия хеле пурмазмун дар доираи рисола таълиф гардида, дар маҷмуъ натиҷаҳои кори тадқиқотии муаллифро инъикос мекунад.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

Хулоса, кори таҳқиқотии Шарифова Санавбар Саъдулоевна дар мавзуи «Нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих» ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф — Собирзода Сафарбек

18.08.2025

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад, 15; Телефон: (992 372) 227-63-91; Почтаи электронӣ: s.sobirov.dti@mail.ru

Имзои Собирзода Сафарбекро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ — Манучеҳр Ҳабибзода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОТИБОТ